Дар Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 24 декабри с. 2018, №959
**«ба қайд гирифта шудааст»**

Бо қарори Раёсати
Бонки милли Тоҷикистон аз
30 ноябри с. 2018, №163
**«тасдиқ шудааст»**

Тағйирот дар Вазорати адлияи
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 3 июни с. 2026, №959[1]
**«ба қайд гирифта шудааст»**

Тағйирот бо қарори Раёсати
Бонки милли Тоҷикистон
аз 28 майи с. 2026, №49
**«тасдиқ шудааст»**

# Қоидаҳои
# муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз

Қоидаҳои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз (минбаъд – Қоидаҳо) мутобиқи қисми 6 моддаи 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" таҳия шуда, ҷиҳати босамар амалӣ намудани сиёсати макропруденсиалӣ ва танзиму назорати фаъолияти бонкӣ тартиби муайян кардан ва ба рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсоз шомил намудани ташкилотҳои қарзиро муқаррар менамояд.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**1.** Дар Қоидаҳои мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **ташкилотҳои қарзӣ** – шахсони ҳуқуқие (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ, аз ҷумла ташкилотҳои маблағгузории хурд), ки дар асоси иҷозатномаи Бонки миллии Тоҷикистон ҳама ё баъзе аз амалиёти бонкии дар қонун пешбинишударо иҷро менамоянд;
- **ташкилоти қарзии низомсоз** – ташкилоти қарзие, ки аз фаъолияти босуботи он муътадилии кулли низоми молиявӣ, бахусус устувории низоми бонкии мамлакат вобастагӣ дорад. Мутобиқи методологияи Кумитаи Базелӣ оид ба назорати бонкӣ ҳар қадаре, ки

ташкилоти қарзӣ калон бошад, муфлис эълон кардани он ба устувории низоми молиявӣ ва иқтисодиёти кишвар ҳамон қадар хавфи зиёд дорад;

- **ташкилотҳои молиявӣ** – субъектҳои хоҷагидорие, ки ба расонидани хизматрасониҳои молиявии ғайрибонкӣ, аз ҷумла суғуртавӣ, лизингӣ, бозори коғазҳои қиматнок, гаравхонаҳо (ломбардҳо), фондҳои ғайридавлатии нафақа ва фондҳои сармоягузорӣ машғул мебошанд;

- **сиёсати макропруденсиалӣ** – маҷмӯи чораҳои эҳтиётие мебошанд, ки барои коҳиш додани хавфҳои низоми молиявӣ равона шудаанд;

- **алоқамандӣ бо дигар ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои молиявӣ** – муносибатҳои байниҳамдигарии ташкилоти қарзӣ бо дигар ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои молиявӣ аз рӯи ҷойгирнамоии маблағҳо, ҷалби пасандозу маблағҳои қарзӣ, таъсир ва натиҷаи фаъолияти он ба бозори байнибонкӣ;

- **қобилияти якдигаривазнамоии ташкилотҳои қарзӣ** – қобилияти ташкилотҳои қарзӣ ҷиҳати ивазнамоии мавқеи ташкилоти қарзии дигар дар низом мебошад, ки ба мушкилии молиявӣ ва душвориҳо дар бахши пешниҳоди хизматрасониҳои бонкӣ дучор гардидааст. Қобилияти мазкур бештар аз рӯи нишондиҳандаҳои саҳми ташкилоти қарзӣ дар ҳаҷми умумии пардохтҳо ва сандуқи қарзии низоми бонкӣ муайян карда мешавад;

- **мураккабӣ дар гузаронидани амалиёти бонкӣ** – вазъи мураккаби ташкилоти қарзӣ дар гузаронидани амалиёти бонкӣ мебошад, ки бинобар таъсири тағйирёбии нархи бозории воситаҳои молиявӣ пайдо гардида, тавассути ҳисобҳои ғайритавозунӣ анҷом дода мешаванд;

- **дороиҳо ва уҳдадориҳои ғайритавозунӣ** – дороиҳо ва уҳдадориҳое, ки моликияти ташкилоти қарзӣ ба ҳисоб намераванд ва муваққатан дар ихтиёри он қарор доранд. Ин гуна дороиҳо ва уҳдадориҳо (ба монанди хатҳои қарзии истифоданашуда, гарави ба ташкилоти қарзӣ гузошташуда, амалиётҳои деривативӣ, аз ҷумла

форвардӣ, свопҳои асъорию фоизӣ ва ғайра) ба таркиби тавозуни ташкилоти қарзӣ дохил нашуда, дар ҳисобҳои ғайритавозунӣ ба ҳисоб гирифта мешаванд;

**2.** Ҳадаф аз муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз, ин ба роҳ мондани татбиқи самараноки сиёсати макропруденсиалии Бонки миллии Тоҷикистон, назорат ва баҳодиҳии дурусти низоми бонкӣ мебошад.

**3.** Бо мақсади нигоҳ доштани қобилияти истодагарӣ дар муқобили таъсири омилҳои гуногун, пешгирии талафоти имконпазир ва коҳиш додани сатҳи хавфҳои эҳтимолӣ ба низоми бонкӣ, аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон барои ташкилотҳои қарзии низомсоз талаботҳои меъёрии нисбатан қатъитар муқаррар карда мешаванд.

**4.** Барои муайян намудани ташкилотҳои қарзии низомсоз хусусиятҳои зерин истифода мегарданд:

- андозаи ташкилоти қарзӣ;
- алоқамандӣ бо дигар ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои молиявӣ;
- қобилияти якдигаривазнамоии ташкилотҳои қарзӣ;
- мураккабӣ дар гузаронидани амалиёти бонкӣ.

Ба хусусиятҳои мазкур, тибқи методологияи Кумитаи Базелӣ оид ба назорати бонкӣ, вобаста ба муҳимият дар баҳодиҳии ташкилотҳои қарзӣ, вазни муайян дода мешавад.

Ташкилотҳои қарзии низомсоз бояд ба нишондиҳандаҳои меъёрии ба хусусиятҳои мазкур вобаста мувофиқ бошанд.

## БОБИ 2. НИШОНДИҲАНДАҲОИ МЕЪЁРИИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗӢ

**5.** Нишондиҳандаҳои меъёрии ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба хусусиятҳои дар банди 4 Қоидаҳои мазкур муқарраргардида, инчунин сатҳи баҳодиҳии устувории молиявӣ, саҳм дар низом ва муҳимияти иҷтимоӣ, аз рӯи нишондиҳандаҳои алоҳидаи низоми бонкӣ муайян карда мешаванд.

Нишондиҳандаҳои меъёрии ташкилотҳои қарзӣ дар ҳудуди вазни умумии хусусияти алоқаманд тибқи Замима ба Қоидаҳои мазкур вазнгузорӣ мешаванд.

**6.** Нишондиҳандаҳои меъёрӣ барои муайян намудани андозаи ташкилоти қарзӣ:

- *ҳиссаи дороиҳо* дар ҳаҷми умумии дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ (**Н1**);
- *ҳиссаи уҳдадориҳо* дар ҳаҷми умумии уҳдадориҳои ташкилотҳои қарзӣ (**Н2**) ;

**7.** Нишондиҳандаҳои меъёрӣ барои муайян намудани алоқамандӣ бо дигар ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои молиявӣ:

- *ҳиссаи маблағҳои ҷойгиршуда* – ҳиссаи талаботи ташкилоти қарзӣ нисбат ба дигар ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои молиявии ватанию хориҷӣ дар ҳаҷми умумии маблағҳое, ки дар ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои молиявии ватанию хориҷӣ ҷойгир карда шудаанд. Инчунин, сармоягузориҳо ва аз ҷониби ташкилоти қарзӣ харидорӣ шудани коғазҳои қиматноки дигар ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои молиявии ватанию хориҷӣ бо уҳдадории бозфурӯшӣ (РЕПО) (**Н3**);
- *ҳиссаи маблағҳои ҷалбшуда* – ҳиссаи уҳдадориҳои ташкилоти қарзӣ дар назди дигар ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои молиявии ватанию хориҷӣ дар ҳаҷми умумии маблағҳое, ки аз ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои молиявии ватанию хориҷӣ ҷалб карда шудаанд. Инчунин, маблағи умумии уҳдадориҳо дар назди Бонки миллии Тоҷикистон, коғазҳои қиматноки аз ҷониби ташкилоти қарзӣ фурӯхташуда бо уҳдадории бозхарид (РЕПО), коғазҳои қиматноки қарзии аз ҷониби ташкилоти қарзӣ баровардашуда (**Н4**);
- *ҳиссаи пасандозҳо* – ҳиссаи маблағҳои дар ташкилоти қарзӣ дар асоси шартномаи пасандози (амонати) бонкӣ ё шартномаи суратҳисоби бонкӣ ҷойгиркардаи шахсони ҳуқуқӣ (ба истисноии ташкилотҳои қарзӣ) ва воқеӣ дар ҳаҷми умумии пасандозҳо

(амонатҳо)-и шахсони ҳуқуқӣ (ба истисноии ташкилотҳои қарзӣ) ва воқеӣ, ки дар ташкилотҳои қарзӣ ҷойгир карда шудаанд (**Н5**).

**8.** Нишондиҳандаҳои меъёрӣ аз рӯи қобилияти якдигаривазнамоии ташкилотҳои қарзӣ:

- *ҳиссаи пардохтҳо* – ҳиссаи ҳаҷми умумии пардохтҳои ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла пардохтҳое, ки тавассути суратҳисобҳои муросилотии дар Бонки миллии Тоҷикистон кушодашуда (бо назардошти амалиётҳо дар бозори кортҳои пардохтӣ) ва зерсуратҳисобҳои мустақими муросилотӣ амалӣ мегарданд, дар ҳаҷми умумии пардохтҳои ташкилотҳои қарзӣ (**Н6**);

- *ҳиссаи қарзҳо* (маҷмӯӣ) – ҳиссаи сандуқи қарзии ташкилоти қарзӣ дар ҳаҷми умумии сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ (**Н7**).

**9**. Нишондиҳандаҳои меъёрӣ аз рӯи мураккабӣ дар гузаронидани амалиёти бонкӣ:

- *ҳиссаи дороиҳои ғайритавозунии ташкилоти қарзӣ* дар ҳаҷми умумии дороиҳои ғайритавозунии ташкилотҳои қарзӣ (**Н8**);

- *ҳиссаи уҳдадориҳои ғайритавозунии ташкилоти қарзӣ* дар ҳаҷми умумии уҳдадориҳои ғайритавозунии ташкилотҳои қарзӣ (**Н9**).

**10**. Нишондиҳандаҳои меъёрии дар бандҳои 6, 7, 8 ва 9 Қоидаҳои мазкур зикршуда (ба истисноии сархати якуми банди 8) ба санаи охири ҳар моҳ ҳисоб карда мешаванд. Сархати якуми банди 8 Қоидаҳои мазкур бошад, ҳаҷми умумии пардохтҳои ташкилоти қарзиро дар давоми сол нишон медиҳад.

**11.** Аз рӯи ҳисоби нишондиҳандаҳои меъёрии миёнамоҳона (ба истисноии **Н6**, ки солона ҳисоб мешавад) дар 12 моҳи соли ҳисоботӣ, барои ҳар як ташкилоти қарзӣ дар алоҳидагӣ нишондиҳандаи меъёрии ҷамъбастӣ ҳисоб карда мешавад, ки дар асоси он ташкилоти қарзӣ метавонад ба рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсоз дохил ва ё аз он хориҷ карда шавад.

**12.** Нишондиҳандаи меъёрии ҷамъбастӣ барои як ташкилоти қарзӣ аз рӯи формулаи зерин ҳисоб карда мешавад:

$$\mathbf{НМҶ} = \sum_{i=1}^{9} \mathbf{Hi} \times \mathbf{Bi}$$

ки дар ин ҷо:

**НМҶ** – нишондиҳандаи меъёрии ҷамъбастӣ;

**Hi**– ҳисоби миёнамоҳонаи нишондиҳандаҳои меъёрӣ бо фоиз (**Н1** то **Н9** ба истиснои **Н6**) дар 12 моҳи соли ҷамъбастӣ:

$$\mathbf{Hi} = \frac{1}{12} \times (\mathbf{Hi_1} + \mathbf{Hi_2} + \ldots + \mathbf{Hi_{12}})$$

Барои **Н6** ҳаҷми умумии пардохтҳои ташкилоти қарзӣ барои 12 моҳи соли ҳисоботӣ нишон дода мешавад:

$$\mathbf{H6} = \mathbf{H6_1} + \mathbf{H6_2} + \ldots + \mathbf{H6_{12}}$$

**Bi**– вазни нишондиҳандаи меъёрии i-юм (**Hi**) дар вазни умумии хусусияти алоқаманди ташкилоти қарзӣ.

**13.** Ташкилоти қарзӣ дар сурате ба рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсоз ворид карда мешавад, ки нишондиҳандаи меъёрии ҷамъбастии он мутобиқи банди 12 Қоидаҳои мазкур ҳисоб шуда, андозаи **10** фоиз ё аз он бештарро ташкил диҳад **(қарори Раёсати БМТ аз 28 майи с.2026, №49)**.

**14.** Агар нишондиҳандаи меъёрии ҷамъбастии ташкилоти қарзӣ аз **7** фоиз зиёд, вале аз **10** фоиз камтар бошад, он гоҳ ташкилоти қарзии мазкур ба рӯйхати ташкилотҳои қарзии эҳтимолие дохил карда мешавад, ки аз рӯи баҳодиҳии навбатӣ метавонад ташкилоти қарзии низомсоз эътироф шавад **(қарори Раёсати БМТ аз 28 майи с.2026, №49)**.

## БОБИ 3. ТАРТИБДИҲИИ РӮЙХАТИ ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ НИЗОМСОЗ

**15.** Идораи суботи молиявӣ соле як маротиба дар моҳи январ бо ҷамъбасти ҳисоби нишондиҳандаҳои меъёрӣ, рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсозро барои давраи аз 1 январ то 31 декабри соли

оғозшуда таҳия намуда, дар мувофиқа бо Департаменти назорати бонкӣ ба роҳбарияти Бонки миллии Тоҷикистон пешниҳод менамояд.

**16**. Рӯйхати ташкилотҳои қарзие, ки ҳамчун ташкилотҳои қарзии низомсоз ва ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ мансуб дониста мешаванд, бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад.

**17.** Маълумот дар бораи рӯйхати ташкилотҳои қарзии низомсоз ва ташкилотҳои қарзии эҳтимолӣ дар муҳлати на дертар аз се рӯзи корӣ, пас аз санаи тасдиқи он, тибқи банди 16 Қоидаҳои мазкур ба ин ташкилотҳои қарзӣ расонида шуда, дар сомонаи Бонки миллии Тоҷикистон ва маҷаллаи "Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ"нашр карда мешавад.

Замима ба Қоидаҳои муайян
намудани ташкилотҳои қарзии
низомсоз

## Нишондиҳандаҳои меъёрии ташкилотҳои қарзӣ

| **Хусусиятҳо** | **Вазни хусусият** | **Нишондиҳандаҳои меъёрӣ (Hi)** | **Вазни нишонди-ҳанда (Bi)** |
|---|---|---|---|
| Андозаи ташкилоти қарзӣ | 40% | дороиҳо | 20% |
| | | уҳдадориҳо | 20% |
| Алоқамандӣ бо дигар ташкилотҳои қарзӣ ва ташкилотҳои молиявӣ | 30% | маблағҳои ҷойгиршуда | 10% |
| | | маблағҳои ҷалбшуда | 10% |
| | | пасандозҳо | 10% |
| Қобилияти якдигаривазнамоии ташкилоти қарзӣ | 20% | пардохтҳо | **5%** |
| | | қарзҳо | **15%** |
| Мураккабӣ дар гузаронидани амалиёти бонкӣ | 10% | дороиҳои ғайритавозунӣ | 5% |
| | | уҳдадориҳои ғайритавозунӣ | 5% |

**(қарори Раёсати БМТ аз 28 майи с.2026, №49)**